Литсейи Оғохон
Хадамоти Оғохон оид ба маориф дар Тоҷикистон

Тасдиқ гардид:
дар ҷаласаи шӯрои педагогии
литсей аз 14 июни соли 2020, № 9

# НИЗОМНОМАИ
# ҚАБУЛИ ХОНАНДАГОН БА ЛИТСЕЙИ ОҒОХОНИ ШАҲРИ ХОРУҒ

Низомномаи мазкур дар асоси қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи литсейи Оғохон таҳия гардида тартиботи зайлро оид ба қабул ба литсейи Оғохон муайян менамояд.

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1 Низомномаи қабули хонандагон (минбаъд Низомнома) ба литсейи Оғохони шаҳри Хоруғ (минбаъд Литсей) дар асоси Қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи литсейи Оғохон таҳия гардидааст.

1.2. Санади мазкур тартиби қабули хонандагонро ба литсейи Оғохони шаҳри Хоруғ муайян менамояд.

1.3. Ҳангоми қабули хонандагон падару модари онҳо (шахсони онҳоро ивазкунанда) бо Оинномаи муассисаи таълимӣ, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа шинос карда мешаванд.

1.4. Ҳангоми қабул ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба таҳсил, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, риоя гардида, дониш, маҳорат, малака ва рафтору ахлоқи хонанда чун нишондиҳандаи асосӣ ба инобат гирифта мешавад.

1.5. Литсей довталабонро ба дар асоси озмун, ки муҳлат ва тартиби онро ҳарсола муассис ва маъмурияти литсей муайян менамояд, қабул мекунадю

1.6 Қабули хонандагон дар доираи теъдоде, ки онро Оинномаи литсей муайян намудаст, бо фармони директори литсей аз рӯи ҷамъбасти натиҷаи озмун сурат мегирад.

## 2. Тартиби қабули хонандагон

2.1. Ба литсей хонандагон асосан ба синфҳои тайёрӣ ба мактаб (минбаъд Синфҳои тайёрӣ) ва синфи 10 қабул карда мешаванд, вале дар сурати кам шудани миқдори

хонандагон аз шумораи тасдиқ шуда ба ҳамаи синфҳои тайёрӣ ба мактаб то синфҳои 11 хонандагон дар давоми соли таҳсил низ тариқи санҷиш қабул карда мешаванд.

2.2 Литсей ҳуқуқ дорад, ки дар ҳолати набудани ҷойи холӣ муроҷиати падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва хонандагонро аз дигар муассисаҳои таълимӣ рад намоянд.

2.3 Барои қабули хонандагон ба Литсей ҳарсол комиссияҳои қабул ташкил карда мешаванд.

2.4 Тартиби кор, мухлат, фаъолияти комиссияи қабулро муассиси Литсей муайян менамояд. Комиссияҳои қабул бошад дар навбати худ раванди гузаронидани санҷишҳо ва имтиҳонотҳои қабулро матраҳ намуда онро дар ҷаласаи худ тасдиқ менамоянд.

2.5 Барои қабул ба синфҳои тайёрӣ бо кӯдакон фаъолиятҳои ба ин синну сол мувофиқ аз қабили муайян намудани маҳоратҳои гӯш кардан, фаҳмиши сухан, бохабарии довталабон аз алифбои забон ва фонолог, рушди когнитивӣ ва фикрронӣ бо такя ба маҳоратҳои ҷамъ ва тарҳ кардан, пешбинӣ намудан ва ёдоварӣ, бохабарӣ аз эҳсосотҳо ва амсоли онҳо гузаронида мешаванд.

2.6 Ба синфи тайёрӣ ба Литсей кӯдаконе қабул карда мешаванд, ки то 31 декабр ба синни шашсолагӣ расида бошанд. Хулосаи комиссияи қабул ҳамчун асос барои таҳсил дар синфи тайёрӣ ҳисобида мешавад.

2.7 Барои қабул ба синфҳои тайёрӣ ҳуҷҷатҳои зерин зарур аст: Парвандаи шахсии довталаб, ки мавриди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дар якҷоягӣ бо падару модарон ва аъзоёни комиссияи қабули ҳуҷҷатҳо пур карда мешавад.

- Шаҳодатномаи аслии таваллуд ва нусхаи он. Шаҳодатномаи аслӣ пас аз муқоиса бо аслаш ба падару модарон баргардонда мешавад.
- Маълумотномаи тиббӣ бо санаҳои эмшудаи кӯдак .
- Қайдҳои пизишкон оиди ҳамагуна ишколи саломатӣ ва раванди муолиҷаи он.
- Нусхаи шиносномаи яке аз падару модарон ё парасторони кӯдак
- Як дона акси кӯдак бо андозаи 3x4
- Ҳуҷҷати ризоият, ки зимни супоридани ҳуҷҷатҳо пур карда мешавад.

2.8 Ба зинаи сеюми таҳсил дар литсей вобаста ба равияи таълим довталабон аз мактабҳои дигар мувофиқи майлу рағбат ва хоҳишу қобилият тариқи имтиҳонот қабул карда мешаванд. Хонандагони литсей бошанд ба ин зина дар асоси баҳоҳои аттестатсияи хатми мактаби миёнаи асосӣ қабул карда мешаванд.

2.9 Хонандагоне, ки дар аттестат дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ холи миёнаи баҳо аз 3,5 бал кам аст, барои идомаи таҳсил дар синфи 10 қабул карда намешаванд. Комиссияи қабул зимни тартиб додани маводҳои имтиҳонотӣ ба фанҳои заминавӣ (вобаста ба равияи таълим) афзалият медиҳад. Хулосаи комиссияи қабул ҳамчун асос барои таҳсил дар синфи 10 ҳисобида мешавад.

2.10 Барои қабул ба синфи 10 ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд :

- аризаи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда)– и дохилшаванда;
- шаҳодатнома дар бораи хатми таҳсилоти умумии асосӣ (нусхаи асл);.
- маълумотномаи тиббӣ (шакли 86-у );

2.11 Комиссияи қабул оиди натиҷаи санҷишу имтиҳонот ба довталабон ва ё падару модарон маълумот пешниҳод менамояд.

2.12 Натиҷаи қабул дар Шӯрои педагогӣ баррасӣ гардида, тибқи фармоиши директор ба расмият даровардa мешавад.

**3. Имтиёзҳо барои дохилшавандагон**

3.1. Фарзандони шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар муассисаҳои Ташкилоти Оғохон оид ба рушд кор мекунанд ва ё муваққатан дар ВМКБ дар сафари хизматӣ мебошанд, ҷихати мавҷуд набудани мактабҳои таълимашон ба забони англисӣ то ба охир расидани муҳлати сафари хизматии падару модарашон ба литсей берун аз теъдоди умумии муайянгардидаи хонандагони литсей қабул карда мешаванд, агар онҳо супоришҳои санҷиширо ба миқдори на кам аз 50% талабот иҷро намоянд.